«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

________________ Ибодуллозода А.И.

«_27_» ____12____ соли 2025

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00- Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 29-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-093 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзад ва доктори илмҳои таърихи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ аз 12.11.2025 с. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Тиллозода Анваршо Абдулҳақ муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ № 5, аз 25 декабри соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: номзадони илмҳои таърих, дотсентон С. П. Сайнаков, Ғ. Гадоев, Ғ. Роҳатов, М. Шарипов,

М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Д. Раҳматшоев ва унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Ғуломшоев Силемоншо омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ яке аз ҳаводиси таъсиргузори олам буда, ба ҳамон андозае, ки таъсиси он дар соли 1922 тарҳи нав дар ҷаҳон андохта буд, заволу азбайнравиаш дар соли 1991 низ минтақа ва ҷаҳонро мутаҳаввил гардонд. Ин раванд дар сарнавишти Тоҷикистон низ таъсири амиқ гузошт. Дар пайи ин тамоюлҳои ислоҳотпазир мавҷи дигаргунсозиҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ сарозер гардида, дар кӯтоҳтарин фурсат паёмадҳои бузургеро дар ростои тағйирёбии куллии ҷомеа пиёда сохт.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асоноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ ба омӯзиши масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Тиллозода Анваршо Абдулҳақ, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба муаррифӣ намояд. Муаллиф ҳаёти сиёсӣ дар Тоҷикистонро

дар солҳои бозсозии шуравӣ ва замони соњибистиќлолї шарҳ дода, хулосаҳои худро пешниҳод намудааст. Муаллиф якчанд пешниҳодро ҷиҳати истифодаи назариявию амалии натиҷаи таҳқиқ овардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва сахеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар дар диссертатсия дар шакли маҷмуӣ вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқарраароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, иқтисодиёт дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии онҳо инчунин таҳияи диссертатсия, монография ва асарҳои илмӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин иистифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои мантиқӣ, таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ, системавӣ ва таҳлилҳои оморӣ дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ бармеояд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ - Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, пажӯҳиш, таҳлил, баррасӣ ва бадаст оврадани натиҷаҳои илмӣ инъикос меёбад. Тамоми натиҷаҳои

бадастомадаи илмӣ натиҷаи пажӯҳиш, омӯзиш ва баррасии мустақилонаи мавзуи мазкур аз таърифи муаллифи диссертатсия мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада аз дараҷаи баланди дониш ва қобилияти таҳлилӣ доштан муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертант 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ зери унвони «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) кори илмии ба итмом расида маҳсуб ёфта, мутобиқ ба бандҳои дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба расмият даровърада шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ***«Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои бозсозии Шуравӣ (1985-1991)»*** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якум – ***«Вазъи сиёсии Ҷумҳурии***

***Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар даврони бозсозии шуравӣ ва омилҳои таъсиргузор дар пастравии иқтисодиёти кишвар»*** дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ, сарчашмаҳо ва ҳисоботҳои оморӣ авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии даврони бозсозии шуравӣ ва омилҳои таъсиргузор дар пастравии иқтисодиёти кишвар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия ***«Тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ва пастшавии некуаҳволии халқ»*** тағйиротҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва пастравии сатҳу сифати зиндагонии мардум асосан мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия – ***«Дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ (1991-2000)»*** унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм ***«Вазъи иқтисодии Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000»*** мебошад, ки дар ин қисмат сабабҳои асосии ба буҳрон дучор гардидани кишвар ва дар ин замина ба вуҷуд омадани ҷанги шаҳрвандӣ бо сабабҳои субъективии азҳоби сиёсӣ ва гурӯҳҳои мухолифин ва як қатор мушкилотҳои дигари ин даврон таҳқиқ гардидааст. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ***«Ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ»*** номгузорӣ шудааст. Дар ин қисмати кор муаллиф вазъи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву сиёсии мардумро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки ҷанги шаҳрвандӣ ва мураккабии авзои сиёсии кишвар ба фақру бенавоӣ, гуруснагӣ, бекорӣ, бесаводӣ ва ҳатто гуреза шудани мардуми мулкӣ оварда расонид. Диссертант дар ин зербоб диссертатсия қайд менамояд, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон 10 миллиард доллари ИМА хисороти иқтисодӣ расонида, наздик ба 150 ҳазор нафар ҷони худро аз даст дода, наздик ба 1 миллион нафар ба ҳайси гурезаи иҷборӣ ба кишварҳои ҳамсояи дуру наздик паноҳ бурдаанд.

Дар боби сеюм диссертатсия ***«Беҳтар шудани вазъияти иқтисодии кишвар ва болоравии сатҳи зиндагӣ дар солҳои (2000-2016)»*** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм «***Татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ»*** ном гирифта, оид ба масъалаи татбиқи стратегияҳои давлатӣ ва бад ин васила таъмини рӯшду инкишофи ҳамаҷонибаи кишвар бахшида шудааст. Дар зербоби дуюми боби сеюм ***«Сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар кишвар»*** диссертант доир ба амалишавии ҳадафҳои Ҳукумати кишвар ва махсусан соҳаҳои иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ намудааст. Хусусан, қайд мегардад, ки аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ то имрӯз вазъи иҷтимоии кишвар зери таваҷҷуҳи давлат ва ҳукумати кишвар қарор дошта, аз муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ҳаҷми маблағгузорӣ буҷетӣ ин масъаларо рӯшан менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02-Таърихӣ ватанӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Тиллозода Анваршо Абдулҳақ ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ(07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо

низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1.Дар бахши *"Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ"-и* муқаддима на ҳамаи асарҳо вобаста ба мавзуъ таҳлил гардидаанд. Диссертант ба гуруҳи якум асарҳои муаллифони ватаниро ҷудо карда бошад ҳам, аммо дар миёни онҳо муҳаққиқони дигар кишварҳо низ вомехуранд. Дар ин бахш номи баъзе муаллифон низ саҳеҳ нишон дода нашудааст. Масалан, ба ҷои М. Алиҷонов – М. Алиджанов, Р. Домулоҷонов – Р. Домладжанов зикр гардидаанд. Ба гуруҳи дуюми адабиёт асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ шомил гардидаанд, аммо тибқи тартиби рақамгузории номгӯи адабиёти истифодашудаи диссертатсия муайян мегардад, ки ҳамаи онҳо олимони русзабони Тоҷикистони Шӯравӣ буда, ба ин гуруҳбандӣ ҳатто як китоби академик Бобоҷон Ғафуров дар шарикмуаллифӣ бо Н. Н. Прохоров низ шомил гардидааст. Ҳамчунин, хуб мешуд асарҳои Пешвои миллатро дар гуруҳи алоҳида ҷой мекард.

2.Диссертант гоҳ ба танқиди сохти Шӯравӣ мепардозад, гоҳе баръакс ба тавсифи он мегузарад. Масалан, дар саҳифаи 14 ба интиқоди Шуравӣ пардохта, менависад, ки «хусусияти мустамликавии муносибати давлати Шуравӣ дар инкишофи минбаъдаи кишвар таъсири худро гузошт». Дар ҷойҳои дигар, махсусан дар параграфи 1.2. (с. 37 –39) таърифу тавсифи ҳаёти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар замони Шӯравиро зикр кардааст. Ҳамин тавр, мавқегирии муаллиф нисбат ба Ҳокимияти Шуравӣ дақиқ муайян нест.

3.Гарчанде ки мавзуи таҳқиқи диссертант ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро фаро мегирад, аммо дар диссертатсия дар баъзе ҷойҳо масълаҳои сиёсӣ, илму маориф ҳам баррасӣ гардидаанд. Минҷумла, дар саҳифаҳои 47 – 49 соҳаи илми ҷумҳурӣ баррасӣ гардидааст, дар с. 55 – 59 соф масъалаҳои вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ матраҳ гардидаанд.

4.Дар баъзе ҷойҳо муаллиф аз доираи хронологӣ берун баромадааст. Масалан, хронологияи таҳқиқи параграфи 3.2. солҳои 2000-2016 бошад ҳам, муаллиф ба таҳқи масъала дар солҳои 1991-1999 низ даст задааст.

5.Дар диссертатсия ҳангоми барасмиятдарорӣ баъзе нуқсонҳои техникӣ ба назар мерасад. Масалан, дар муқадима такроран ду бор банди “Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот” оварда шуда, баъзе рақамгузории иқтибосҳои дохили матн бо тартиби рақамгузории номгӯи адабиёти истифодашуда мувофиқат намекунанд. Дар номгӯи адабиёти истифодашуда, дар банди *“сарчашмаҳои бойгонӣ”* номгузории бойгониҳо (№№ 38, 39, 40, 41, 44, 49, 51, 52) мувофиқи матлаб нест, баъзе аз ин бойгониҳо бошанд аллакай вуҷуд надоранд. Дар саҳифаи 137 бошад номи профессор Моёншо Назаршоев ғалат – Муҳаммадназар Назаршоев навишта шудааст.

6.Дар диссертатсия камбудиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ва ба монанди онҳоро муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография ислоҳ намояд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии корро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи ***«Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих Ғуломшоев Силемоншо тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (протоколи № 5 аз 25 декабри соли 2025) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнак Парпишоевич Сайнаков**

**Ташхисгар, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Силемоншо Акимшоевич Ғуломшоев**

**Котиби ҷаласа** **Муҳаммадҷон Ҳабибуллоевич Ёров**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383, Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Кодирзода Саидвалӣ**
**"27" 12 2025**